# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУОВИНОНИ ДИРЕКТОР ОИД БА ТАРБИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

ДУШАНБЕ -2023

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
аз 30.11.2023, №11/14 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:**
**Холназаров Имомназар** – омӯзгори калони кафедраи Иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ
**Зарифзода Насим Нурулло -** муовини директори филиали муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Душанбе
**Муқарризон:**
**Буриев Ҳ.,** ходими пешбари илми Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Турдиев Т.,** мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумхурии Тоҷикистон
**Муҳаррир:**
**Раҳматшоев Исфандиёр** – мудири кафедраи Иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

Барномаи таълимии мазкур бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии муовинони директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бо дарназардошти назария ва амалияи муосири мактабшиносӣ ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия гардидааст. Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, филмҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси муовинони директор оид ба бахши тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ шудааст.

## Пешгуфтор

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси муовинони директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми 90 соат таҳия шудааст.

Барномаи таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба тарбия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф (2013с.), Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Низомнома ва Оинномаи МДДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ таҳия гардидааст.

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии муовинони директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нав дар соҳаи идоракунӣ мебошад.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан низоми нави таълиму тарбия ва идоракуниро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни идоракунӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба муовинони муовинони директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият медиҳад, ки дар кори худ ин ё он усулро интихоб намуда, равиши идоракуниро мукаммал намояд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳҳо ва мундариҷае пешниҳод шудаанд, ки тавассути аз худ кардани онҳо муовини директор оид ба тарбия ба мақсади таълиму тарбия ноил гашта, ба ин восита

салоҳияти муайянро ҳосил мекунад. **Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзӯъ ва мундариҷа азхуд кардашуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба корҳои тарбия бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

- сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода тавонанд ва фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;
- навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;
- мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;
- усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;
- ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;
- барои амалӣ намудани «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» нақша-чорабинӣ таҳия карда тавонанд;
- фаъолияти иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳоро назорат намуда, дар ташкил ва гузаронидани соатҳои

тарбиявӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ ёрии методӣ расонида тавонанд;
- бо созмони хонандагон, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон ҳамкории судмандро ба роҳ монда тавонанд;
- дар баланд бардоштани сатҳи маънавиёти хонандагон саҳм гузошта тавонанд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанҳо мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;
- мавзуъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда тавонанд ва ба омӯзгорон дар ин хусус маслиҳат дода тавонанд;
- муносибати босалоҳият ба таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро донанд.

Талаботи мазкур тавассути тести ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

- моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

-талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии омӯзгор;

-ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини директор оид ба тарбия;

- асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогиро донад;

-чорабиниҳои беруназсинфиро ташкил ва гузаронида тавонад;

- истифодаи технологияи инноватсиониро дар фаъолияти касбӣ таъмин намояд;

-ба роҳбарони синфҳо, роҳбари созмони хонандагон ва китобдори муассиса ҳамкории мустақимро ба роҳ монда тавонад;

-бо кумитаи падару модарон, кумитаи маҳал, шурои духтарон ва кумитаи хонандагон ҳамкориии доимӣ дошта бошад;

- моҳият, хусусият ва усулҳои тадқиқоти илмиро донад.

**Салоҳият:**

- таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

- мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонад;

-фаъолияти мустақилии омӯзгорон, роҳбарони синфҳо ва хонандагонро ҳангоми кор бо технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда тавонад;

- банақшагирии соатҳои тарбиявиро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб ва арзёбӣ карда тавонад;

- мустақилона саволномаҳоро оид ба аттестатсияи ҷамъбастӣ (рейтинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторина ва чорабиниҳои гуногун тартиб ва омода намояд;

-дар ташкил ва гузаронидани аттестатсияи омӯзгорон тибқи муқаррарот саҳм гузорад;

- маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикӣ оид ба гузаронидани соатҳои тарбиявро бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;

- дар асосии донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаронида тавонад.

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

- технологияи муосири педагогии таълими фаннҳо;

- истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳали барномаҳои касбӣ;

- методологияи тарзи истифодаи ТИК-ро донад.

Талаботи мазкур тавассути тести ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ ва иштирок дар машғулиятҳо ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

## НАҚШАИ
**таълимии курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| *№* | *Қисматҳои барнома* | *Миқдори соатҳо* | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Амалӣ** | **Назариявӣ** |
| 1. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | - | 2 |
| 2. | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | **90** | **54** | **36** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 3 | 1 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 3 | 1 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | - | 2 |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 3 | 1 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **108** | **64** | **44** |

**Нақшаи**
**тақвимии ихтисоси ҷонишини директор**
**оид ба тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1** | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | 72 | 30 | 42 |
| **1.1.** | Вазифа ва методикаи корҳои тарбиявӣ | **2** | **1** | **1** |
| **1.2.** | Вазифаҳои муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, роҳбари синф ва омӯзгорони фаннӣ доир ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ | **4** | **2** | **2** |
| **1.3.** | Роҳҳои амалӣ намудани «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | **4** | **1** | **3** |
| **1.4.** | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | **6** | **2** | **4** |
| **1.5.** | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | **6** | **2** | **4** |
| **1.6.** | Кори амалӣ дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ | **6** | **1** | **5** |
| **1.7** | Аҳамияти рамзҳои давлатӣ | **4** | **1** | **3** |
| **1.8.** | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Ҳуҷҷатнигории муовинони директор оид ба тарбия | **6** | **2** | **4** |
| **1.9.** | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **4** | **1** | **3** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1.10.** | Мақомоти худидории мактаб. Шӯрои омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ ва дигар ҷаласаҳо | **4** | **2** | **2** |
| **1.11.** | Методикаи ташкилу гузаронидани соатҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ. | **4** | **2** | **2** |
| **1.12.** | Нақши муовини директор оид ба тарбия дар баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон | **2** | **1** | **1** |
| **1.13.** | Нақши созмони хонандагон дар ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар мактаб | **4** | **2** | **2** |
| **1.14.** | Роҳбари синф ва мавқею мақоми он дар таълиму тарбияи хонандагон | **2** | **1** | **1** |
| **1.15.** | Барномаҳои давлатии рушди таълиму тарбия дар МТМУ. Тадбирҳои татбиқ ва назорати раванди иҷрои онҳо | **2** | **1** | **1** |
| **1.16.** | Манъи истифодаи меҳнати кӯдакон. Махсусиятҳои муносибат бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта | **4** | **2** | **2** |
| **1.17.** | Назорати дохилимактабӣ ва нақши он дар пешбурди муваффақонаи таълиму тарбия | **6** | **2** | **4** |
| **1.18** | Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ | **2** | **1** | **1** |
| **1.19** | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ.Заминаҳои ба вуҷуд омадани коррупсия | **4** | **2** | **2** |
| **1.20** | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм | **4** | **2** | **2** |
| **2.** | **Менеҷменти молиявӣ** | **18** | **6** | **12** |
| **2.1.** | Қисмати иқтисодию молиявии | **6** | **2** | **4** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | | | |
| **2.2.** | Ҳисоби буҷети мактаб дар асоси меъёрҳои ҳадди аққал ва бо истифода аз коэффитсентҳои махсус | **6** | **2** | **4** |
| | **Ҳамагӣ:** | **90** | **36** | **54** |
| **3.** | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| **3.1.** | Хадамоти методии мактаб ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ -омили муҳимми такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон | **4** | **1** | **3** |
| **3.2.** | Роҳбаладӣ. Шаклҳои муосири сарварӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим. Тарзу тариқи (моделҳо ва механизмҳои)роҳбарӣ ба низоми таҳсилот | **4** | **1** | **3** |
| **3.3.** | Роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотиву инноватсионӣ дар раванди дарсҳо. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (Презентатсия». Кор бо видеопроектор ва тахтаи электронӣ | **4** | **1** | **3** |
| **3.4.** | Нақшаи стратегии МТМУ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ. | **4** | **2** | **2** |
| **3.5.** | Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | **4** | **2** | **2** |

**Эзоҳ: Шунавандагон метавонанд аз нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.**

**1. Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ (72 соат)**

**Мавзуи 1.1 (2соат). Вазифа ва методикаи корҳои тарбиявӣ.** Мафҳуми тарбия. Пайдоиши тарбия. Тарбия ҳамчун мақсад ва мазмуни фаъолияти инсон. Мақсад ва усулҳои ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ Инсон омили асосии тарбия. Методикаи корҳои тарбиявӣ-қисми таркибии педагогика. Муайян намудани равия, муносибат, шакл ва методҳои асосии ташкили кори тарбиявӣ. Натиҷанокии тарбия.

**Мавзуи 1.2 (4 соат). Вазифаҳои муовинон директор оид ба корҳои тарбиявӣ, роҳбари синф ва омӯзгорони фаннӣ доир ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ**

Нақшаи корҳои тарбиявии беруназзсинфӣ ва берунаммактабӣ. Иҷрои нақшаи корҳои тарбиявӣ. Дастурамали кори роҳбари синф. Тарбия намудани асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва ахлоқӣ. Ёрӣ ба АВО, созмони хонандагон. Робитаи мустаҳкам бо волидайни хонандагон, ҷамоатчигӣ ва таъмини ҳамкории мактаб ва оила. Шаклҳои корҳои тарбиявӣ.

Мафҳуми шакл (лотиниаш forma) тарзи ташкил ва тарзи мавҷудияти ашё ва ҷараён. Шакли ташкили тарбия ин тарзи ташкилии ҷараёни тарбия. Усули гузаронидани корҳои тарбиявӣ.

Усули тарбия қисми таркибӣ, ҷузъи алоҳидаи тарбия. Методи тарбия системаи усулҳои гуногун ва истифодаи воситаҳои тарбия. Таъсири мусбии ҳамкории оила, мактаб ва муассисаҳои тарбиявӣ дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ. Ҳамкории мактаб ва аҳли ҷамъият оид ба ташкили корҳои тарбиявӣ.

**Мавзуи 1.3 (4 соат). Роҳҳои амалӣ намудани «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**.

Консепсияи миллии тарбия (минбаъд Консепсия) сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда,

накш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

Консепсия бо дарназардошти анъанаву суннатҳои арзишманди миллати тоҷик ва халқияту миллатҳои дигари Тоҷикистон таҳия гардидааст. Он имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон, новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан интихоб ва амалӣ намоянд.

Асоси методологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия. Мафҳум, мақсад, вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ. Унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ. Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ аз инҳо иборатанд:

Тарбияи ғоявӣ. Тарбияи миллӣ. Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ. Тарбияи ватанпарастӣ. Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ. Тарбияи маърифатӣ. Тарбияи ҳуқуқӣ. Тарбияи гуманистӣ. Тарбияи зебоипарастӣ. Тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ. Тарбияи иқтисодӣ. Тарбияи экологӣ. Тарбияи сиёсӣ. Тарбияи ҷисмонӣ. Тарбияи тафаккури интиқодӣ. Тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ. Тарбияи масъулиятшиносӣ. Тарбияи ҳаёти солим.

Марҳилаҳои тарбия. Роҳҳо ва заминаҳои амалӣ гардидани Консепсия. Заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ. Таҳияи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи миллии шаҳрвандони кишвар. Тавсеа намудани мақоми забони миллӣ. Истифодаи рамзҳои давлатӣ ва миллӣ дар тарбияи шаҳрвандон. Баланд бардоштани масъулияти падарону модарон барои тарбия ва саломатии фарзандон. Таҳия ва тасдиқи меъёрҳои муздиҳии муосир ба кормандоне, ки ба кори тарбия машғуланд. Таҳия ва иҷрои барномаҳои давлатӣ, ки ба рушди тарбияи шаҳрвандон нигаронида шудаанд.

Заминаҳои маънавию иттилоотӣ. Тарбияи шаҳрванд бе таъмин намудани ахбори нисбатан васеъ, имконнопазир аст. Манбаъҳои ахбор, ки моҳияти ғоявию маънавӣ доранд аз инҳо иборатанд. Мероси таърихию фарҳангии ниёгон, ки хотираи таърихии халқро ташкил менамояд. Арзишҳои

динӣ, ки яке аз қисматҳои фарҳанг мебошанд. Урфу одат, анъанаҳо ва тарзи зиндагии миллат, ки дар онҳо хусусиятҳои миллии мардуми кишвар инъикос ёфтаанд. Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ. Асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ёдгориҳои таърихию фарҳангии Тоҷикистон. Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълиму тарбия барои ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия. Барномаҳои радио, телевизион ва маводи шабакаи ҷаҳонии «Интернет». Маводи чопии воситаҳои ахбори умум. Нутқу гузоришҳои Президенти Тоҷикистон. Фаъолияти сиёсии роҳбарони вазорату идораҳо ва арбобони намоёни илму фарҳанг. Фаъолияти тоҷирон, ки ҳамчун манбаъ барои тарбияи насли ҷавон мавриди истифода қарор мегирад. Арзишҳои маънавию ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ.

Заминаҳои ташкилӣ:

Таҳияи тадбирҳои давлатӣ оид ба тарбияи миллии мардум. Ба роҳ мондани робитаҳои иттилоотии байни вилоятҳо, минтақаҳо, ноҳияҳо. Бунёди роҳҳо ва ба роҳ мондани рушди муносибатҳои иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ миёни минтақаҳои гуногуни мамлакат. Бунёди шабакаҳои радио ва телевизон дар тамоми нуқтаҳои аҳолинишини кишвар. Муҳайё намудани шароити беҳтар барои ба роҳ мондани таълиму тарбияи якҷояи ҷавонони минтақаҳои гуногун дар пойтахти кишвар- шаҳри Душанбе. Дуруст ва самаранок ташкил намудани тарбия дар сафҳои Артиши миллӣ. Эҳё ва барқарор намудани китобхонаҳо ва фаъолияти онҳо, махсусан китобхонаҳои назди муассисаҳои таълимӣ, сохтани ҳавзҳои шиноварию майдончаҳои варзишӣ, осорхонаҳои мактабӣ. Гузаронидани тадбирҳои тиббии «Тани солим, рӯҳи солим» доир ба ҳифзи саломатии мардум. Ташкили муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, ки бештар ба таҳқиқи масъалаҳои тарбия машғул мешаванд. Натиҷаи Консепсия. Татбиқи амалии Консепсия имконият медиҳад, ки масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

Заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии масъалаи тарбия дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии нав такмил меёбанд. Дар ҷумҳурӣ тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта мешавад, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон аз хурд то бузург боло мегирад, афкори умум ба амал меояд. Оммаи васеи халқ ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рамзҳои давлатию миллӣ мерасанд ва дар натиҷаи омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан хотираи таърихии худро ғанӣ мегардонанд, маърифату ахлоқи шаҳрвандон сифатан боло меравад. Мардуми тоҷик, ки асрҳо зери зулм ва таъсири бегонагон қарор доштанд, моҳияти давлати миллии худро дарк мекунанд ва барои ҳифз, ободӣ ва шукуфоии Ватани худ мекӯшанд, ба қадри забони модарӣ, адабиёт, таърих, анъана ва расму оинҳои мусбати худ мерасанд. Ҳамгироии тарбия бо таълим боз ҳам устувор гардида, инсон ва мақоми он дар ҷомеа боло мегирад. Дар натиҷаи ҳамкории доимии муассисаҳои таълим бо волидон тарбия дар оилаҳо тадриҷан ба пояи касбӣ мерасад. Тарбияи ҳамдигарфаҳмӣ ва тоқатпазирӣ (толерантност) муомила бо техникаю технологияи иттилоотӣ ба наслҳои ҷавон имконият медиҳад, ки дар муносибат бо халқу миллатҳои дигар, намуна будани худро нишон диҳанд ва дар ҷомеаи муосир мавқеъ пайдо намоянд. Дар соҳаи педагогика кадрҳои илмӣ рӯйи кор меоянд, мавзуъ ва масъалаҳои муҳими тарбия таҳқиқ мегарданд. Дар муассисаҳои тарбиявии ғориғ аз дарсу мактаб ва инчунин кӯдакистонҳо кадрҳои касбӣ ворид мегарданд. Ҳар як шахс мефаҳмад, ки ниёгони мо дар хазинаи тамаддуни башар ҳиссаи муайян гузоштаанд ва дарк мекунад, ки рисолати таърихӣ аз он иборат аст, ки ҳамин ҳиссагузорӣ дар замони муосир ҳам бояд биафзояд.

**Мавзуи 1.4 (4 соат). Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро

ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Мавзуи 1.5 (6 соат). Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Мафҳуми таълими босалоҳият, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими аънанвӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарққунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи 2 ва 3-и таҳсилот, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳида ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

**Мавзуи 1 6 (6 соат). Кори амалӣ дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ**

Иштирок дар дарсҳои омӯзгорон, соатҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои тарбиявии муассисаи такягоҳӣ ва таҳлилу

баррасии дарсҳои мушоҳидашуда. Шиносои бо ҳуҷҷатгузории муовинони директор оид ба тарбия, роҳбари созмони хонандагон, роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо. Табодули таҷрибаи ҳамдигарӣ дар соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. Хулосаю тавсияҳо.

**1.7.(4 соат). Аҳамияти рамзҳои давлатӣ**.

Тарбия ва худтарбиякунии хонандагон. Мавқеи омӯзгор ва роҳбари синф дар ин самт. Истифодабарии рамзҳои давлатӣ дар машғулиятҳои тарбиявӣ. Шарҳи мафҳуми вожаҳои нишон, парчам, суруди миллӣ. Қабули қонуну карорҳо дар бораи ба эътибор даровардани рамзҳои давлатӣ. Қонуни Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.09.1994 таҳти рақами 1074 «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Суруди миллӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.1995, № 234 «Дар хусуси дар рӯҳияи меҳанпарастӣ тарбия намудани ҷавонон ва эҳтиром намудани рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**Мавзуи 1.8 (6 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд».**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Муносибатхое, ки Конуни мазкур танзим менамояд. Доираи амали қонуни мазкур. ҚонунгузорииҶТ дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар.

Уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ, оид ба танзими масъулияти падару модар дар

таълиму тарбияи кӯдак. Уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотхое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд. Уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кудак.

Чораҳои пешгирӣ ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд. Чораҳои пешгирӣ барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои падару модар. Ҷавобгарии падару мода рва омӯзгор дар таълиму тарбияи фарзанд. Ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд.

**Мавзуи 1.9 (4 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.08.2007 таҳти № 1461. Муқаррароти умумӣ. Мақсад, вазифа ва доираи амали Қонуни мазкур. Мафҳумҳои асосӣ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Мақомот оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ва салоҳияти онҳо. Мақоми ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Комиссияҳои доимии маҳаллӣ. Салоҳияти Мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Танзими чашну маросимҳои расмӣ ва оилавӣ. Ҷашнҳои расмӣ. Зодрӯз. Хатнасур. Тӯйи домодию арӯсӣ. Маросимҳои дафну азодорӣ. Маросими ҳаҷ. Ҷои баргузории ҷашну маросимҳо. Танзими хизматрасонӣ дар ҷашну маросимҳо. Тартиби хизматрасонии ҷашну маросимҳо аз тарафи муассисаҳои фарҳангӣ, тарабхонаҳо ва ошхонаҳо. Муқаррароти хотимавӣ. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур.

**Мавзуи 1.10 (4 соат). Мақомоти худидории мактаб. Шурои омӯзгорӣ, Шурои методӣ ва дигар ҷаласаҳо**

Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва муқарраротн марбут ба худидории мактаб. Моддаҳои 38-41-и қонуни мазкур (Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ, Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ, Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ). Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ (шурои муассисаи таълимӣ, шуроҳои омӯзгорон ва олимон, шуроҳои истеҳсолию педагогӣ, илмию методӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, директорон, ректорон, донишҷӯён, аспирантон, сарпарастон, нозирон, ташкилотҳои хонандагон, сохторҳои кумитаҳои кор бо ҷавонон ва занон, кумитаҳои падару модарон, ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва ғайра). Самарабахшии ҷаласаҳои корӣ аз ҷиҳати илмӣ, педагогӣ ва психологӣ. Дуруст ташкил кардан, омода намудани масъалаҳо, аз тарафи кӣ ва чӣ тавр гузаронидани онҳо. Ҷаласаҳои корӣ. Ҷаласаи корӣ – қабули қарори ягона барои самарабахшии фаъолияти таълимгоҳ. Нишонаҳои муҳими ҷаласаҳои корӣ.

Идораи давлатию чамъиятии таълимгоххо. Ассотсиатсияи волидону омузгорон шакли нави худидораи мактаб. Соҳибихтиёрии таълимгоҳҳо ҳамчун принсипи асосии соҳаи маориф. Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф. Инкишофи шаклҳои давлатию ҷамъиятии идоракунии маориф. Фарқияти асосии давраи нави ислоҳоти соҳаи маориф аз замони пештара. Фишангҳои мақомоти худидоракунӣ. Мазмуни асосии демократикунонии соҳаи маориф. Ҳамкорӣ дар амал ва ташкил кардани низоми идоракунӣ

**Мавзуи 1.11 (4 соат). Методикаи ташкилу гузаронидани соатҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ.**

Мавзуъ, мазмун ва мундариҷаи соатҳои тарбиявӣ. Тарзи интихоби мавзӯи соатҳои тарбиявӣ. Роҳҳои ҷалби хонандагон дар машғулият ва дарс. Истифодаи хонандагон дар амалӣ гаштани мақсади дарс. Хулосабарорӣ бо

иштироки хонандагон (амалӣ). Иштирок ба соатҳои тарбиявӣ ва маҷлисҳои синфӣ ба мақсади омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи беҳтарин роҳбарони синфҳо, пешниҳод намудани дархостҳо ба кабинети методии ноҳия оид ба омӯхтану паҳн намудани тачрибаи онҳо. Ташкили корҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани тарбияи хонандагон. Гузаронидани сӯхбатҳо бо роҳбарони синф, омӯзгорон, ташкилотҳои худидоракунии хонандагон дар мактаб доир ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ.

**Мавзуи 1.12 (4 соат) Нақши муовини директор оид ба тарбия дар баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон**

Тайёрии омӯзгор барои баргузории корҳои беруназсинфии хонандагон. Шакл ва методҳои асосии корҳои беруназсинфии хонандагон. Мақсади ташкили маҳфил барои талабагони синфҳои ибтидоӣ – ворид намудани кӯдакон ба олами илм ва техника, рушду нумӯъ додани қобилияти эҷодӣ ва аломатҳои фавқулодда ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои амалӣ, донишҳои дар маҳфилҳо ҳосилкардаро дар дарсҳо истифода бурдан аст.

Аҳамияти маҳфилҳои мактабӣ ва беруназмактабӣ. Дар рӯҳияи ғамхорӣ ба одамон тарбия кардани хонандагон. Нақши саёҳат ба табиат, боғи ҳайвонот, музейҳо, ба истеҳсолот ва хоҷагиҳои кишоварзӣ.

**Мавзуи 1.13 ( 4 соат). Нақши созмони хонандагон дар ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар мактаб.**

Мақсади ташкили созмони хонандагон. Вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти созмони хонандагон. Таъмини корҳои тарбиявӣ. Ташкили созмони хонандагон дар мактаб. Зинаҳои созмони хонандагон.

**Мавзуи 1.14 ( 2соат). Роҳбари синф ва мавқею мақоми он дар таълиму тарбияи хонандагон.** Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва фаъолияти роҳбари синф. Вазифаҳои хизматӣ. Ҳуқуқу вазифаҳои роҳбари синф. Санҷиши (омӯзиши)

фаъолияти роҳбари синф аз тарафи роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ. Нақша-чорабиниҳои роҳбари синф. Нақшаи кори тарбиявии роҳбари синф. Нақшаи кори иттиҳодияҳои методии роҳбари синф. Нақшаи кори АВО (қисми тарбиявиаш).

**Мавзуи 1.15 (2 соат). Барномаҳои давлатии рушди таълиму тарбия дар МТМУ. Тадбирҳои татбиқ ва назорати раванди иҷрои онҳо**

Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. Тарз ва роҳҳои таҳияи тадбирҳои татбиқи чорабиниҳои дахлдори барномаҳои давлатии рушди МТМУ.

**Мавзуи 1.16. (4 соат) Манъи истифодаи меҳнати кӯдакон. Махсусиятҳои муносибат бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта**

Тафсири моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф". Иҷрои Конвенсияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак. Манъи зуроварии ҷисмонӣ ба кӯдакон. Ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта. Вазъи кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи 1.17. (6 соат). Назорати дохилимактабӣ ва нақши он дар пешбурди муваффақонаи таълиму тарбия**

Мафҳуми назорат. Мавқеи назорати дохилимактабӣ дар низоми идора ва ислоҳоти мактаб. Назорати дохилимактабӣ – омузиш ва таҳлили ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб. Ҷиҳати муҳими назорати дохилимактабӣ. Қисмҳои назорати дохилимактабӣ. Иҷрои таълими асосии ҳатмӣ. Ҳолати таълими фанҳои таълимӣ ва сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон. Фаъолияти иттиҳодияҳои дохилимактабӣ ва умуман корҳои методӣ. Ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои таълимӣ, машғулиятҳои факултативӣ. Иҷрои барномаҳои таълимии давлатӣ. Ҳуҷҷатнигории мактаб, иҷрои қарорҳо, фармонҳо

ва супоришҳои мақомоти маориф. Корҳои беруназсинфӣ. Методхои назорат. Муайян намудани мақсади назорат. Омодашавӣ ба назорат. Амалӣ кардани назорат. Ҷамъбаст намудани маводҳои тафтиш.

**Мавзуи1.18. (2. соат). Истифодаи технологияи иттилооотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ.**

Истифодаи воситаҳои нави техникӣ. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ. Тахтаи электронӣ. Проекторҳо. Видиопроекторҳо. Шабакаи интернет. Корҳои лаборатории автоматикунонда. Телефонҳои мобилӣ. Риояи техникаи бехатарӣ. Фарҳанги истифодабарии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва телефонҳои мобилӣ. Нақши мусбӣ ва манфии шабакаи интернет ва телефонҳои мобилӣ дар ҳаёти ҷомеа.

**Мавзуи1.19. (4 соат).Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ.Савдои одамон.**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия. Ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайхи коррупсия вазифаи ҳамагон аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон».

**Мавзуи 1.20.(4.соат).Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм**

Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ задани шаҳрвандон. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундраи исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

**2. Менеҷменти молиявӣ(12 соат)**

**Мавзуи 2.1 (6 соат ). Қисмати иқтисодию молиявии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф".**

Бандҳои Конуни мазкур оиди фаъолияти иқтисодию молиявии МТУ. Фарқияти онҳо аз Қонуни пештара. Беҳбудии масъалаҳои мустақилияти молиявии МТУ ва таъсири онҳо ба вазъи молиявии омӯзгорон.

**Мавзуи 2.2. (6 соат). Ҳисоби буҷаи мактаб дар асоси меъёрҳои ҳадди ақал бо истифодаи коэффитсентҳои махсус.** Ҳисоби буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.Формулаи асосии ҳисоби буҷаи мактаб.Коэффитсиентҳои махсус. Ҳисоби буҷаи мактаб бо истифода аз коэффитсенти ноҳиявӣ. Ҳисоби буҷаи мактаб бо истифода аз коэффитсент аз руйи намудҳои мактабҳо. Ҳисоби буҷаи литсейҳо. Ҳисоби буҷаи мактаб бо истифода аз коэффитсенти махсус барои мактабҳои бисёрзабона. Ҳисоби буҷаи мактабҳо бо шуъбаҳо.

**3.Мавзуъҳои иловагӣ**

**Мавзӯи 3.1. (4 соат). Хадамоти методии мактаб ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ- омили муҳимми такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон**

Хадамоти методии мактаб. Сохтори хадамоти методии мактаб. Кабинети методии мактаб. Шӯрои методии мактаб. Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанҳо. Вазифаи хадамоти методии мактаб. Объектҳои хадамоти методии мактаб. Вазифаҳои хадамоти методӣ. Фаъолияти кабинети методии мактаб. Нақшаи солонаи кабинети методии мактаб. Шурои методӣ(педагогӣ). Фаъолияти Шӯрои методӣ.

Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимактабӣ. Маҳфилҳои фаннӣ. Дарсҳои иловагӣ. Корҳои инфиродӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон.Ташкили табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо ва технологияи нави тадрис. Баррасии хуҷҷатҳои меъёрии соҳа бо омӯзгорон. Иҷрои

барномаҳои таълимӣ. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои касбӣ. Ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Ташкили корҳои беруназдарсӣ. Тавсияҳои методӣ.

**Мавзӯи 3.2. (4 соат) Роҳбаладӣ. Шаклҳои муосири сарварӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим. Тарзу тариқи (моделҳо ва механизмҳои)роҳбарӣ ба низоми таҳсилот**

Роҳбалад - шахсеро ба кор ҳидоят кардан, барои ба мақсад расидан ёрӣ расондан. Роҳбаладӣ (менторинг) – этимология ва анъанаҳои он. Шакли анъанавии роҳбаладӣ. Шаклҳои маъмули роҳбаладӣ. Вобастагии шаклҳои роҳбаладӣ ба давраи рушди мактаб. Сатҳи шиносоии омӯзгорон бо методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти роҳбалад.

Роҳбаладӣ – интиқоли донишу таҷриба. Шакли таҷрибаивазкунии «Роҳбаладӣ дар ҷои кор». Ҳамкорӣ бо шуъбаҳои маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгорон. Ҳавасмандии омӯзгорон.

Фарқиятҳои байни менеҷер ва сарвар. Усулҳои роҳбарӣ ва навъҳои рафтори кормандон. Тарзҳои асосии сарварӣ. Муайян намудани дараҷаи тайёрии коргарон. Фаъолияти таълимгоҳҳо. Роҳҳои самарабахши банақшагирӣ. Усулҳои таҳлили вазъи кунунии мактаб. Таъсири омилҳои беруна ба мактаб. Истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва молиявӣ.

**Мавзӯи 3.3 (4 соат) Роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотиву инноватсионӣ дар раванди дарсҳо. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (Презентатсия». Кор бо видиопроектор ва тахтаи электронӣ**

Маълумоти мухтасар дар бораи технологияи иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ. Навъҳо ва шаклҳои мухталифи тенологияҳои иттилоотӣ ва

инноватсионӣ. Роҳу усулҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо.

Технологияи инноватсионӣ - ҷорӣ кардани навигариҳо чӣ дар мақсаду мазмуни маълумот ва чӣ дар шаклу методҳои таълим ва тарбияи насли наврас, дар ташкили фаъолияти якҷояи омӯзгор ва талаба. Навгониҳо, ҳавасмандӣ ва монеъгӣ; идораи мактаб аз рӯи натиҷаҳо; таҷрибаи педагогии менеҷментҳо; рушди мактаб ҳамчун ҷараёни инноватсионӣ; асосҳои рушди муассисаҳои таълимӣ; ҷараёни инноватсионӣ дар маълумот; қисматҳои назариявии ҷараёни инноватсионӣ; мафҳум дар бораи инноватсия дар маълумот ва квалификатсияи онҳо; тавсифи инноватсия дар системаи таҳсилот (қишлоқ, ноҳия, шаҳр, ҷумҳурӣ); махсусияти идораи ҷараёни инноватсионӣ; мафҳуми «ислоҳот» ва инноватсия; тағйирёбиҳои инноватсионӣ дар саломатии хонандагон; муассисаи таълимии инноватсионӣ ҳамчун институти озоди иҷтимоӣ-тарбиявӣ; шаклу усулҳои анъанавии идораи муассисаҳои инноватсионӣ; махсусияти мазмуни тарбияи иҷтимоӣ дар шароити муассисаи муосири инноватсионӣ; фаъолияти технологии иҷтимоӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии инноватсионӣ; инноватсия дар маълумот: моҳият ва механизмҳо, ва ғ.

Фарқияти байни тағйирот ва рушд. Мафҳуми «Инкишоф»ва «Худинкишофдиҳӣ», тафовут ва шабоҳат. Рушди мактаб: гузариши мактаб аз ҳолати миқдории пештара ба ҳолати сифатан нав. Захираҳои рушди мактаб: молиявӣ, моддӣ-техникӣ, кадрӣ, таркибӣ-ташкилӣ, иттилоотӣ. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (Презентатсия)». Кор бо видиопроектор ва тахтаи электронӣ.

**Мавзӯи 3.4. (4 соат) Нақшаи стратегии МТМУ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ.**

Маълумоти мухтасар оид ба Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ, самтҳо, мақсад ва вазифаҳои асосии он. Афзалиятҳои рушди соҳаи маориф. Натиҷаҳои интизории татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон то соли 2030. Зарурати нақшаи стратегӣ, муқаррар намудани аққалиятҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот. Қадамҳо доир ба тартиб додани нақшаи стратегӣ: ҷамъоварии иттилоот, таҳлил ва муқоисаи он бо миссияи муассисаи худ. Ҷобаҷогузории эҳтиёҷот аз рӯи афзалият ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо. Банақшагирии стратегӣ, раванди тавсифи ҳадафҳо. Намунаи таҳияи ҷадвали мақсадҳои рушди муассиса. Кори амалӣ: Таҳияи нақшаи стратегии муассиса.

**Мавзӯи 3.5. (4 соат) Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Низомномаи шурои методӣ. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ. Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф. Тартиби ба синфҳои таълими равиявӣ ҷудо намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дар дарсҳои омӯзгорон иштирок намудани маъмурияти муассисаи таълимӣ ва дигар субъектҳои раванди таълиму тарбия. Низомномаи намунавии Шӯрои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳияи ҷадвали дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастурамали вазифавии директор, муовинони директор ва роҳбари синфи муассисаи таҳсилоти умумӣ. Тартиби гузаронидани рейтинги сифати дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомномаи қабул, гузариш ва хориҷ намудани хонандагони таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомномаи намунавии Шурои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Низомномаи фаъолияти кумитаи падару модарони муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Низомномаи озмуни «Беҳтарин кабинети методӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомнома дар бораи навбатдории маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Низомнома дар бораи истифодаи журнали синфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомномаи намунавии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Тартиби баргузории дарси кушод дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Дастурамали вазифавии мудирони кабинетҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи дар бораи мониторинги дохилимактабии сифати таҳсилот. Тартиб ташкил ва гузаронидани ҷаласаи назди директор дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

## Мафҳумҳои соҳавӣ

**1. АТТЕСТАТСИЯ** – муқаррар намудани мутобиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот.

**2. БУҶЕТИ МАКТАБ** – ин нақшаи стратегии молиявии мактаб мебошад, ки метавонад солона, семоҳа ва моҳона таҳия карда шавад.

**3. ИНТЕРАКТИВ -** аз калимаи англисӣ «interact» гирифта шуда, маънояш inter–«байни ҳам» ва act–«амал, фаъолият» мебошад.

**4. МОНИТОРИНГ** – раванди махсус ташкил карда шудаи мушоҳидаи мунтазами ҳолати объектҳо, зуҳуротҳо ва ҷараёнҳо бо мақсади арзёбӣ, назорати даври ва пешгӯии онҳо.

**5. МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ** – шахси ҳуқуқӣ, ки ҷараени таҳсилотро амалӣ мекунад, яъне як ва ё якчанд барномаҳои таълимиро ба амал мебарорад ва ё тарбияи муҳассилии тарбиягирандагонро таъмин мекунад.

**6. МЕЪЁРИ (НОРМАТИВӢ) САРИКАСӢ** - яке аз механизмҳои истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ мебошад, ки барои расидан ба хизматрасонии сифатан беҳтар дар соҳаи таҳсилот қодир аст.

**7. МАОРИФ** – раванди бомароми таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки дар он соҳиби меъёри муайяни таҳсилот гардидани шаҳрвандро давлат муқаррар кардааст.

**8. МЕНЕҶЕР -** идоракунанда, идораи соҳа, корхона, муассиса, раванд ва ғайра.

**9. МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ** – идоракунии молиявӣ.

**10. МАРКЕТИНГ** – омӯзиши бозор.

**11. НИЗОМИ МАОРИФ** – маҷмӯи барномаҳои таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилот, шабакаи амалкунандаи

муассисаҳои таҳсилотӣ, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мақомоти идораи маориф бо муассиса ва ташкилотҳои он, таълимгирандагон ва тарбиягирандагон, педагогҳо ва конмандони дигар, иттиҳодияҳои муассисаҳои таҳсилотӣ, қисматҳои зерсохторӣ ва дигар ҷузъҳо, ки барои ҳалли мақсаду вазифаҳои ягона муттаҳид шуда, барои амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, афзудани саҳми ин соҳа ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ равона карда шудаанд.

**12.** ПОРТФОЛИО – аз калимаи итолёвӣ гирифта шуда, маънояш «номгӯйи ҳуҷҷатҳо», «ҳуҷҷатҳои мутахассис» мебошад. Портфолио - маҷмӯи корҳоест, ки барои намоиши имкониятҳои худ тартиб дода шудааст.

**13. СИСТЕМАИ МАОРИФ** – маҷмӯи барномаҳои таълим ва стандартҳои давлатии таҳсилот, шабакаи таълимгоҳ амалкунанда, сарфи назар аз шакли ташкилию хуқуқӣ ва моликият, мақомоти идораи маориф, таълимгоҳ, воҳидҳои зерсохтор ва дигар унсуре, ки барои ҳалли мақсаду вазифаҳои ягона мутаҳид гардида, ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва зиёд кардани саҳми соҳаи мазкур дар инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқ равона карда мешавад.

**14. СМЕТА** – ин нақшаи молиявии бо тартиби муқарраргардида тасдиқшудааст, ки ҳаҷм ва истифодаи мақсадноки маблағгузории буҷетиро муайян мекунад ва дар он модда ба модда ҳаҷми маблағгузориҳои буҷети ва тақсимоти семоҳаи модда ба модда муқаррар карда мешавад.

**15. ТАКСАНОМИЯ** – аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш «taxis» - бо тартиб ҷо ба ҷо гузоштан ва «nomos» - қонун мебошад. Назарияи таснифот ва системанокии соҳаи мураккабташкили воқеият, ки одатан дорои хусусияти

шаҷаравӣ мебошад.

**16. ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ** - калимаи «интиқодӣ» аз арабӣ ва аз калимаи юнони «kritike» гирифта шуда, маънояш «санъати муҳокима» мебошад.

**17. ТОЛЕРАНТӢ** – аз калимаи франсавӣ «tolerant» гирифта шуда, маънояш «босаброна, таҳаммулпазирӣ» мебошад.

**18. ФОРМУЛАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ** – ин низоми меъёрҳои муқарраршуда ва мақсаднок истифодашаванда ба ҳар мактаб, ки мувофиқи он захираҳо тақсим карда мешаванд.

**19. ҲИСОБИ МУҲОСИБӢ** – низоми ягонаи ахборот дар бораи ҳолати амвол ва молияи корхона ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории он мебошад, ки дар асоси ахбороти ҳисоби муҳосибӣ аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода мешавад.

**20. ЭВРИСТИКА**-аз калимаи юнонӣ «heurisko» гирифта шуда, маънояш - «меёбам» мебошад. 1) Дар Юнони қадим – системаи таълимдиҳӣ бо роҳи саволҳои ёрирасон; 2) дар фалсафаи қадим «санъати дарёфти ҳақиқат» - системаи усулу тарзҳои мантиқӣ ва қоидаҳои методии тадқиқотии назариявӣ; методи таълим, ки ба инкишофи қобилияти ҳозирҷавобӣ, фаъолиятнокӣ мадад мерасонад.

## Адабиёт


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе 2013.
2. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2006.
4. Консепсияи мактаби миллӣ. Душанбе. 2000.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе. 2017.
6. Атахонов Т. Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ (Воситаи таълим.-Душанбе , 2005..
7. Лутфуллоев М.- Эҳёи педагогикаи тоҷик.-Душанбе, 1997.
8. Кулагина И.Ю.- Возрастная психология.-М. 1996.
9. Қодиров С., Давлатов М. Психология –Душанбе, Сино, 2002.
10. Мухина М.С. Возрастная психология.-М., 2002.
11. Мустафоқулов Т., Нарзуллоев М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. Кӯлоб, 1993.
12. Бушелева Б.В. Поговорим о воспитанности М., «Просвещение», 1989.
13. Қосимова М., Солиев А., Эшонов Б. Самтҳои асосии тарбия ва банақшагирии он дар мактаб (Тавсияи методӣ).-Душанбе , 2001.
14. Кальченко Е. И. Гигиеническое обучение и воспитание школьников М:, Просвещение. 1984. 125 С.
15. Бекназаров М., Ёқубова М., Раҳимзода Х., Муҳаммадиева С., Раҳмонова М. Тарзи ҳаёти солим. Душанбе. 2002. 154 С.
16. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар мактабҳо (дастури методӣ). Душанбе. 2005.
17. Плахова Л.М. Как сделать хорошую школу? Изд. Психологический поиск. М:. 2002.
18. Майоров А.Н. Мониторинг в образование. Интеллект – Центр. М:. 2005.
19. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса. М:. 1987.
20. Шарифов З. Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот, Душанбе. 2003.
21. Шарифов З.,.Ветров В.И,.Катаева З.А. Концепция развития финансирования сферы образования РТ. Труды ТУТ. Выпуск X, Душанбе. Ирфон. 2004.
22. Куркин Е.Б. Управление образованием в условиях рынка. М:. 1997.

23. Половое воспитание детей и подростков в семье. Душанбе. 2002.
24. Солиев А., Эшонов Б.. Нақшаи тахминии кори тарбиявии роҳбарони синфҳои 5-11 (тавсияи методӣ). Душанбе. 2003.
25. Примерная программа воспитания школьников. Душанбе.2004. Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2006
26. Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. 1995.
27. Стандартҳои давлатии таҳсилот. 2005
28. Нақшаи таълимии намунавии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2006.
29. Низомномаи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ. 2006
30. Низомномаи аттестатсияи кадрҳои педагогӣ. 2006
31. Низомномаи шурои ҷамъиятӣ. 2006.
32. Низомномаи шурои сарпарастон. 2002.
33. Низомномаи комитети падару модарон. 2003
34. Низомномаи намунавии мутахассиси ҳифзи овони кӯдакии мақомоти идорӣ ва мақомоти маҳаллии идораи маориф. 2002.
35. Низомномаи кор бо муаллимони ҷавон. 2003.
36. Низомномаи шӯрои методии муассисаҳои таълимӣ. 2002.
37. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурӣ дар бораи муассис, аттестатсия, литсензия, аккредитатсия ва ғ. 2003
38. Маблағгузории сарикасии муассисаҳои таълимӣ. 2004.
39. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1. Аз Ориён то Сомониён. Лондон. 2002.
40. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 2. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. 2002.
41. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 3. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. 2006.
42. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилдҳои 1-4. Душанбе. 2002; Ҷилди 5. Душанбе. 2005; Ҷилди 6. Душанбе. 2006.
43. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ. Душанбе. 2006.
44. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Душанбе. 2007.
45. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 22.12.2005.
46. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон ва ҷавонони кишвар.
47. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».